# 07.00.06 – Бостоншиносӣ

*(Бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2017 № 4/1 )*

**Ихтисос**

**Бостоншиносӣ**

## I.Соҳаи илме, ки аз рӯи он дараҷаи илмӣ дода мешавад

Илмҳои таърих

## II. Тасвияти ихтисос

Бостоншиносӣ – соҳаи илмҳои таърих аст, ки масоили таърихро тибқи манбаъҳои модӣ ва хаттӣ аз замони пайдоиши инсон то асри XIX дар доираи раванди умумиҷаҳонӣ-таърихӣ дар асоси сатҳи имрӯзаи шарҳи таърихии маводҳои таҳқиқотҳои бостоншиносӣ меомӯзад.

**III. Соҳаҳои тадқиқот**

Маводҳо ва ёдгориҳои бостоншиносӣ тибқи манбаъҳои хаттӣ ва ҳафриётҳои бостоншиносӣ.
Равандҳои таърихии инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, масъалаҳои таърихи сиёсӣ тибқи маводҳои хаттӣ ва бостоншиносӣ, масоили даврабандии таърихӣ ва гурӯҳбандии ёдгориҳо.
Равандҳои ташаккулёбии маданияти бостоншиносӣ ва умумияти этникӣ ва фаъолияти ҳамҷоя ва таъсири байниҳамдигарии онҳо.
Инкишофи техникаҳои қадима ва мукамалгардонии технология, аз худ кардани маводҳои нав,истифодаи воситаҳо ва усулҳои нави техникӣ дар омӯзиши маводҳои бостоншиносӣ.
Инкишофи маданияти маънавӣ ва тасавуротҳои идеологӣ.
Усули таҳқиқоти саҳроӣ ва идоравӣ, шарҳи таърихии маводҳои бостоншиносӣ.
Таърихи илми бостоншиносӣ.
Бостоншиносӣ дар соҳаи осорхона ва саёҳӣ.
Масъалаҳои нигоҳдошти ёдгориҳои бостоншиносӣ.

**IV. Ихтисосҳои алоқаманд**

07.00.02 – таърихи ватанӣ
07.00.03 – таърихи умумӣ
07.00.07 – мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология
07.00.10 – таърихи илм ва техника
09.00.14 – фалсафаи дин ва диншиносӣ
24.00.01 – назария ва таърихи фарҳанг
24.00.03 – осорхонашиносӣ, нигоҳдошт ва тармими объектҳои таърихи-фарҳангӣ

**V. Тафовутҳо бо ихтисосҳои алоқаманд**

Тафовутҳои ихтисоси 07.00.06 бо ихтисосҳои ба он алоқаманд дар манбаъҳои асосии таҳқиқот ва сифати масъалаҳои ҳалшаванда, махсусиятҳои кор бо манбаъҳо ва ташреҳи маводҳои асосии таҳқиқот

зоҳир мегардад.Манбаъи асосӣ барои ихтисоси 07.00.06 ёдгориҳои бостоншиносӣ, маводҳои шаръӣ, ки дар рафти бо усулҳои махсус таҳқиқ намудани онҳо ва ташреҳи натиҷаҳои ба даст омада пайдо шудаанд, маҳсуб меёбанд.
Дар фарқият аз ихтисосҳои 07.00.02 ва 07.00.03, дар ихтисоси 07.00.06 бештар маданияти модӣ дар асоси манбаъҳои шаръӣ омӯхта мешавад.
Дар фарқият аз ихтисоси 07.00.07, таҳқиқот дар ихтисоси 07.00.06 ба маданияти модӣ ва маънавии аҳолии қадима бахшида шудаанд.
Дар фарқият аз ихтисоси 07.00.10- таърихи илм ва техника, ихтисоси 07.00.06 дар асоси маводҳои бостоншиносӣ ва бо истифодаи усулҳои илмҳои техникӣ омӯхта мешавад.
Дар фарқият аз ихтисоси 09.00.14, таҳқиқот аз рӯи ихтисоси 07.00.06 санадҳои модии зуҳури ҷаҳонбинии динӣ (иншоотҳо, аз он ҷумла объектҳои мадфункунӣ; ҷиҳози маросимӣ)-ро меомӯзанд ва зуҳури оинҳои мушаххасро дар шароитҳои муайяни таърихӣ таҷдид менамоянд.
Дар фарқият аз ихтисоси 24.00.01, таҳқиқот аз рӯи ихтисоси 07.00.06 предметҳои алоҳида ва бозёфтҳои маҷмӯӣ, инчунин ёдгориҳои бостоншиносиро ҳамчун зуҳуроти раванди инкишофи тамаддун дар шароитҳои муайяни таърихӣ меомӯзанд.
Дар фарқият аз ихтисоси 24.00.03, таҳқиқот аз рӯи ихтисоси 07.00.06 ба омӯзиши сифати артефактҳо, ёдгориҳои бостоншиносӣ, нигоҳдорӣ ва ташреҳи таърихии онҳо равона шудаанд.